**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 34(575.3)+340+349.6
**ТКБ:** 67.0(2тоҷик)+67.3 (2Т)+67.407(2Т)
**Р –** 40

**РАШИДЗОДА ҶАМШЕД ҚОСИМ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| Роҳбари илмӣ: | **Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Муқарризони расмӣ: | **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон<br>**Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид-** вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент |
| Муассисаи пешбар: | Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт |

Ҳимояи диссертатсия санаи «25» сентябри соли 2025, соати 10:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 737500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, e-mail: dstsubp@mail.ru рақами телефони котиби илмӣ: (+992)921115990.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавасути сомонаи http://www.tsulpb.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодирзода М.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза масъалаи нигоҳ доштан ва таъмин намудани муҳити солими зист яке аз масъалаҳои муҳимми ҳалталаб маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад, аз нигоҳи ҳуқуқӣ танзим намудани муносибатҳои ишорашуда ва мутобиқ кардани қонунгузорӣ ба он, саривақтӣ ва ногузир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) моҳияти масъалаи мазкурро дуруст дарк намуда, баҳри таҷдиди назар кардани қонунгузории соҳаи экологӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст, ки он метавонад барои пешрафти иқтисодиёти кишвар ва ташаккули сиёсати ҳифзи муҳити зист нақши муассирро гузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози назар менамоянд: «Зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем» [2].

Дарки пурраи қонунгузории экологӣ ва таҷдиди назар намудани он замоне имконпазир мегардад, ки агар паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқии он мавриди баррасии амиқ қарор дода шаванд. Зеро бидуни дарки дурусти ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ин соҳа, такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии он дар замони муосир ғайриимкон мегардад. Ин масъала ба сифати мавзуи мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқ баҳогузорӣ гардида, ҷиҳати муайян кардани унсурҳои таъсиррасон ба қонунгузории миллӣ ва роҳҳои такмили қонунгузории экологӣ заминаи воқеиро фароҳам меорад.

Бо касби истиқлоли давлатӣ ҶТ дар самти ташаккули қонунгузории экологӣ ва танзими муносибатҳои соҳа тадбирҳои муҳимро амалӣ намуда, дар ин самт як қатор барнома, стратегия ва консепсияҳоро қабул кардааст. Инчунин, қонунҳои алоҳида қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд, ки танзимкунандаи паҳлуҳои мухталифи муносибатҳои экологӣ мебошанд. Новобаста аз ин тадбирандешиҳо, ҳанӯз ҳам масъалаҳои муҳимми танзимнагардида дар муносибатҳои экологӣ ба назар мерасанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои давлатӣ дар бахши ҳифзи муҳити зист ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ, монеаҳоро пеш меоранд. Бо ин мақсад, зарурати аз нигоҳи илмӣ таҳлил намудани онҳо ба вуҷуд омада, дар ин самт заминаи воқеиро омӯзиши марҳилавии ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон фароҳам месозад.

Бояд қайд намуд, ки дар масири даврони соҳибистиқлолӣ даҳҳо қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ қабул гардиданд, аммо аз нигоҳи назарияи ҳуқуқ зиёд шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи як соҳа, сатҳи татбиқи онҳоро коста намуда, ҷиҳати рӯйи кор омадани мухолифатҳои ҳуқуқӣ заминагузорӣ менамоянд. Бо ин мақсад, зарурати танзим намудани муносибатҳои экологӣ тавассути санади меъёрии ҳуқуқии ягона, пурра ва бонизом ба вуҷуд омада, имконияти воқеиро баҳри бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта фароҳам меорад. Аз ин рӯ, пажуҳиш намудани унсурҳои таркибӣ ва махсусиятҳои ин навъи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои соҳа мебошад, саривақтӣ ва мубрам маҳсуб меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар самти муносибатҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист, ҳалли мушкилоти обӣ, босуръат об шудани пиряххо ва ғ., бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҷудогона ба роҳ монда, дар ин замина, аз таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузории онҳо, ки фарогири муносибатҳои соҳа мебошанд, ба хубӣ истифода менамояд. Омӯзиш ва баҳравар гардидан аз таҷрибаи субъектҳои ишорашуда баҳри таҷдиди қонунгузории экологии кишвар ба мақсад мувофиқ аст, аммо дар ин раванд ба инобат гирифтани низоми ҳуқуқии миллӣ ва манфиатҳои миллию давлатӣ зарур мебошад. Таҳқиқи ин масъала аз нигоҳи илмӣ, ки дар заминаи омӯзиши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории экологии давлатҳо имконпазир мегардад, паҳлуи дигари мубрамияти мавзуи рисолаи илмиро бозгӯӣ менамояд.

Мавриди зикр аст, ки пажуҳиши ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ барои мустаҳкам кардани низомии ҳуқуқии миллӣ дар раванди таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ заминаи мусоидро фароҳам оварда, барои мустаҳкам кардани қонунгузории экологии ҶТ заминаи воқеиро фароҳам меорад. Дар замони муосир, муносибатҳои экологӣ рушд намуда, боиси рӯйи кор омадани соҳаи нави ҳуқуқ – ҳуқуқи экологӣ гардидаанд. Албатта, ба сифати сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи ишорашуда қонунгузории экологӣ баромад менамояд, вале то кадом андоза муносибатҳои соҳаи мазкур тавассути қонунгузорӣ танзим гардидаанд, тарафи дигари масъала мебошад. Яъне, ҳуқуқи экологӣ ва рушди он, бо ташаккули қонунгузории экологӣ алоқаманд буда, аз нигоҳи илмӣ таҳлил намудани муносибатҳои ҳуқуқи экологӣ дар қонунгузорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Гуфтаҳои фавқуззикр, шаҳодат аз он медиҳанд, ки мавзуи рисолаи илмӣ дар шароити муосир барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мубрам буда, ҳалли масъалаҳои гузошташуда баҳри мустаҳкам намудани пояҳои илмӣ хизмат менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ-таҳқиқотие ташкил медиҳанд, ки фарогирандаи ҷанбаҳои гуногуни ташаккули қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон мебошанд. Ҳангоми пажуҳиши рисолаи илмӣ таҳқиқотҳои бунёдии муҳаққиқони ватанӣ, ба мисли И.М. Азизов [46, с. 71-78], Э.Б. Буризода [5, с. 264], К.Ш. Бадалов (Ш. Каримзода) [26, с. 77-80], [48, с. 198], А.Д. Ғафурзода [32, с. 129-136], А.М. Диноршоҳ [36, с. 3-13], [37, с. 13-26], М.А. Қодирзода [8, с. 216], [15, с. 220], [38, с. 329-334], [39, с. 26-30], [52, с. 191], Э.С. Насриддинзода [58], [59], Ф.Т. Тоҳиров [19, с. 34], [21, с. 498], [22, с. 497-506], [23, с. 493], [25, с. 1000], Н.Ф. Сафарзода [11, с. 280], [12, с. 64], [15, с. 220], [42, с. 58-66], [54, с. 177], М.М. Соҳибзода [13, с. 584], [14, с. 400], [15, с. 29-30], [16, с. 356], [17, с. 200], [24, с. 320], [43, с. 75-82], [44, с. 8-9], А.Ғ. Холиқзода [6, с. 363], [24, с. 508], [55, с. 421], Р.Ҷ. Ҷабборов [9, с. 200], [46, с. 71-78], Р.Ш. Шарофзода [18, с. 561], ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Инчунин, дар муҳити илми хориҷӣ баъзе таҳқиқотҳои илмӣ доир ба ташаккули қонунгузории экологӣ ва паҳлуҳои алоҳидаи он сурат гирифтаанд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ба онҳо метавон, И.А. Игнатева [49, с. 455], [50, с. 46], И.Г. Иутин [51, с. 22], Е.Д. Макеева [53, с. 600], Э.Р. Шамсутдинов [56, с. 24], [57, с. 167] ва дигаронро дохил намуд.

Дар баробари ин, зумрае аз муҳаққиқон ҷанбаҳои ҷудогонаи қонунгузории экологиро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки муаллиф онҳоро дар рисолаи илмӣ ҳамчун заминаи илмӣ мавриди истифода қарор додааст. Аз ҷумла, М.М. Бринчук [3, с. 470], [4, с. 65-70], [27, с. 64-75], [28, с. 202-219], [29, с. 16-21], [30, с. 36-39], Г. Винтер [31, с. 98-101], А.К. Голиченков [33, с. 123-131], [34, с. 224-232], А.Р. Гумерова [35, с. 149-154], В.И. Ивакин [7, с. 385], В.В. Петров [10, с. 428], [40, с. 3-13], [41, с. 122-128], С.А. Хохлявин [45, с. 124-127], Ю.С. Шемшученко [47, с. 23-29] ва дигарон.

Дар ҶТ то ҳол ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар шакли комплексӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баҳри омӯзиши масъалаи ишорашуда равона гардида, ҷиҳати мукаммал намудани қонунгузории соҳа ва рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ метавонад таъсиргузор бошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон» омода ва иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлил кардани асосҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин, муқаррароти қонунгузории ҶТ дар соҳаи экология ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи он муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо баҳри танзими муносибатҳои экологӣ ва ташаккули қонунгузории экологӣ маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои иброзгардида, дар таҳқиқоти илмӣ вазифаҳои асосии зерин гузошташудааст:

– муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистони тошуравӣ;

– таҳлили инкишофи қонунгузории экологӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон;

– пажуҳиш ва муайян сохтани марҳилаҳои рушди қонунгузории экологӣ ва хусусиятҳои онҳо дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон;

– баррасӣ кардани асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои экологӣ ва рушди қонунгузории экологии ҶТ;

– ба таври мушаххас муайян намудани ҷойгоҳи санадҳои байналмилалии экологӣ дар шаклгирӣ ва инкишофи қонунгузории экологии ҶТ;

– анҷом додани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории экологии ҶТ бо қонунгузории экологии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

– муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои мураттабсозии (кодификатсияи) қонунгузории экологӣ дар ҶТ.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон мебошанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсиониро қабул ва амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи экологӣ дар Тоҷикистон дар давраҳои муайяну мушаххаси таърихӣ ва андешаву назари олимон

оид ба ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тасвиб ва муҳокимаро дар кафедра сипарӣ намудааст. Макони таҳқиқот кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ маҳсуб меёбад. Ҷанбаҳои таърихии диссертатсия дар давраҳои таҳқиқот инъикос шуда, дар марҳилаҳои муайян омода гардидааст. Дар ибтидо ҷанбаҳои таърихии ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистони тошуравӣ ва дар марҳилаи шуравии таърихи давлатдории тоҷикон ва баъдан, масъалаҳои инкишоф ва рушди қонунгузории экологии ҶТ дар марҳилаи муосири давлатдорӣ (солҳои 1991-2025) таҳқиқ шудааст. Ҳамзамон, дар ин давра вобаста ба таҳқиқоти анҷомдода, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Марҳилаи анҷоми таҳқиқот соли 2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба ҷанбаҳои мухталифи қонунгузории экологӣ равона шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори У.А. Азиззода, И.М. Азизов, Э.Б. Буризода, М.М. Бринчук, А.К. Голиченков, А.Р. Гумерова, А.Д. Ғафурзода, А.М. Диноршоҳ, И.А. Игнатева, И.Г. Иутин, М.А. Қодирзода, Е.Д. Макеева, Д.С. Раҳмон, Н.Ф. Сафарзода, Ҷ. Саъдизода, М.М. Соҳибзода, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ҷ. Ҷабборов, Э.Р. Шамсутдинов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, таҳлили низомнок, таҳлил ва синтез, шаклӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Бо истифода аз усули диалектикӣ, ки аҳаммияти методологӣ дорад ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон аз аҳди қадим то замони муосир мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, шароитҳои таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда

шудааст. Дар доираи усули оморӣ шумораи қонунҳои ҷойдошта, махсусан санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ муайян шуда, баҳри аз байн бурдани духурагӣ бо назардошти мавҷудияти санадҳои ҳуқуқии зиёд, пешниҳодҳои муфид манзур шудаанд. Пайдарҳам таҳлил кардани рушди қонунгузории экологӣ шаҳодати мавҷудияти усули низомнок дар рисолаи илмӣ буда, он имкониятро баҳри дуруст дарк намудани қонунгузории экологӣ дар марҳилаи муайяни таърихӣ фароҳам овард.

Дар доираи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ масоили ҳуқуқӣ, махсусан, ҳуқуқи экологӣ таҳлил шуда, танзими муносибатҳои соҳаи мазкур дар қонунгузории кишвар ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин, давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Яке аз усулҳои дигаре, ки дар рисолаи илмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Дар доираи ин усул, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории экологии ҶТ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳо, махсусан давлатҳои аъзои ИДМ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар натиҷа, баҳри мукаммал намудани қонунгузории эокологии ҶТ як қатор хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ манзур шудаанд. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ низ дар раванди таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифта, тавассути он давраҳои таърихии ташаккули қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор гирифт. Аз ҷумла, ин усул имконият фароҳам овард, ки инкишофи қонунгузории экологӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ, яъне аз аҳди қадим то замони соҳибистиқлолӣ таҳлил шуда, махсусияти ҳар яке аз ин давраҳо ба таври амиқ ва бо диди илмӣ муайян карда шуданд. Дар баробари усулҳои ишорашуда, боз дигар усулҳо низ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки дар умум имконияти воқеиро баҳри таҳлили пурраи рисолаи илмӣ фароҳам оварда, барои расидан ба вазифаҳои гузошташуда заминагузорӣ намудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқи мавзуи рисолаи илмӣ як қатор сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ, ки то замони таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон ҷой доштанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, ҳангоми таҳқиқоти илмӣ санадҳои ҳуқуқии Тоҷикистони шуравӣ ва санадҳои ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки фарогирандаи муносибатҳои экологӣ мебошанд, ба мисли Конститутсияи ҶТ, қонунҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ истифода шудаанд. Бо мақсади фарогир таҳлил намудани мавзуъ

аз санадҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экология низ истифода шудааст, ки ҳамчун заминаи эмпирикӣ хизмат менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, давраҳои инкишофи қонунгузории экологиро дар Тоҷикистон фаро мегирад. Масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаанд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд:

– дар диссертатсия сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ, ки дар худ мазмун ва моҳияти меъёрҳои соҳаи экологиро ҷой додаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;

– мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтани низоми асосҳои ҳуқуқии давлатдории Сомониён ва муайян гардидани нақшу аҳаммияти он дар ташаккули марҳилаҳои баъдинаи қонунгузории экологӣ анҷом дода шудааст;

– рушди низоми қонунгузории экологӣ дар ҶМШС Тоҷикистон таҳлил шуда, махсусияти онҳо амиқан муайян гардидааст;

– рушди қонунгузории экологӣ дар ҶШС Тоҷикистон таҳлил шуда, давраҳои ташаккулёбӣ ва хусусиятҳои онҳо нишон дода шудаанд;

– тамоюлҳои муосири инкишофи қонунгузории экологӣ дар ҶТ баррасӣ шуда, мушкилоти мураттабсозӣ (кодификатсия)-и қонунгузории соҳа ба таври илмӣ асоснок гардидааст;

– нақши санадҳои байналмилалии экологӣ ва ратификатсияи онҳо дар рушди қонунгузории экологии ҶТ муайян карда шуда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории экологии давлатҳои аъзои ИДМ анҷом дода шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода месозанд:

1. Таҳлили омӯзиши собит менамояд, ки ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистонро ба се марҳилаи зерини асосӣ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст: давраи тошуравӣ, давраи шуравӣ ва давраи муосир. Дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии тошуравӣ, махсусан сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ объектҳои табиӣ мавриди танзим қарор гирифта, танзимкунандаи муносибатҳои марбут ба об, олами наботот, ҳайвонот, замин, хок ва ҳаво мебошанд. Муқаррароти Авесто аз нуктаи назарияи ҳуқуқӣ дорои махсусияти таъсиррасонии тарбиявӣ, вазифадоркунӣ, уҳдадоркунӣ ва руҳбаландкунӣ буда, зумрае аз онҳоро метавон

ҳамчун ғояҳои роҳбарикунанда дар ҳифз ва истифодаи босамари сарватҳои табиӣ муаррифӣ намуд.

2. Рушди қонунгузории экологиро дар замони шуравӣ ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: замони мухторият ва баъди мухторият. Дар ҶМСШ Тоҷикистон кодексҳо (замин ва ҷангал) ва қонунҳои соҳавӣ баҳри танзими муносибатҳои экологӣ қабул шуда, заминаро барои рушди қонунгузории соҳа дар марҳилаи баъдӣ ба вуҷуд оварданд. Инкишофи қонунгузории экологии ҶМШС Тоҷикистон дар самти ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ ҳамчун объекти табиӣ дар заминаи Кодекси замин ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ мавриди танзим қарор дода шудааст. Ҳолати мазкур ягона раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ мебошад, ки дар асоси муқаррароти як санади кодификатсионӣ ду муносибати хусусияти мустақилдошта мавриди танзим қарор дода мешавад. Раванди инкишофи қонунгузории экологӣ дар давраи ИҶШС дар ду зина – қонунҳои умумиттифоқ ва ҷумҳуриҳои иттифоқ сурат гирифта, бештар механизми одатӣ, этикӣ, таърихӣ ва ҷуғрофии мамлакатҳои аъзои иттифоқ, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон ба инобат гирифта мешуданд, ки баҳри рушди қонунгузории экологӣ дар ҶТ заминаи мусоидро фароҳам овард.

3. Рушди қонунгузории экологиро дар давраи муосир аз замони ба даст овардани соҳибистиқлолияти ҶТ оғоз гардида, дар баробари дигар душвориҳо, ба бӯҳрони шадиди экологӣ дучор гардид ва санадҳои меёърии ҳуқуқии экологии замони Шуравӣ муносибатҳои нави ба вуҷуд омадаро танзим карда натавониста, монеагиҳои зиёд дар танзими муносибатҳои экологии замони соҳибистиқлолӣ ба вуҷуд меоварданд. Чунки, шаклҳои танзими идоракунии замони Шуравӣ дар самти экологӣ дигар дар замони соҳибистиқолии ҶТ ғайри самаранок буданд.  Аз ин рӯ, зарурати аз нав коркардани механизми идоракуни дар самти экологӣ, самаранок истифода намудани табиат ва ҳифзи муҳити зист дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли нав ба вуҷуд омад. Бояд қайд намуд, ки дар баробари бадастовардани Истиқлолияти давлатии ҶТ ба таҳия ва қабули қонунҳо доир ба самти экологӣ шуруъ намуда, дар ин росто санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти мазкур қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Рушди қонунгузории экологиро дар давраи муосир ба се давраи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст: давраи якум, ки солҳои 1990-1993-ро фаро гирифта, дар ин марҳила раванди милликунонии қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон шуруъ гардид; давраи дуюм,

солҳои 1993-2011-ро дар бар гирифта, бо танзимнамоии муносибатҳои алоҳидаи экологӣ, махсусан муносибатҳои марбут ба ҳифзи табиат, алоқаманд мебошад; марҳилаи сеюм, аз соли 2011 оғоз гардида, то имрӯз идома дошта, бо зарурати кодификатсиясозии қонунгузории экологӣ ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошад.

Ба сифати омилҳои умумие, ки ба иҷрои самараноки қонунгузории экологӣ тибқи моҳияти худ таъсир мерасонанд, инҳо дохил мешаванд: а) мавҷуд набудани раванди мушахас ва механизмҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ; б) номутобиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида; в) пайвастагии ивазшавӣ дар базаи қонунгузорӣ ва институтсионалӣ; г) ба таври пурра риоя нагардидани талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ғ) норасоии ҳамоҳангии байниидоравӣ; д) маълумотнокии шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва дигар гурӯҳҳои ҷамъиятӣ дар бораи қонунгузории экологӣ ва ғ. Барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ-ҳуқуқӣ нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бениҳоят муассир мебошад.

4. Рушд ва дурнамои сиёсати ҳифзи муҳити зист бо дарназардошти рушди ҷомеа, тағйирёбии иқлим ва мутобиқ шудан ба он, афзоиши аҳолӣ, рушди технологияи комуникатсионӣ, ҳукумати электронӣ, рақамикунонии самти экология, рушди иқтисоди сабз ва ба кишвари сабз табдил додани Тоҷикистон муайян ва қабул намудани қоидаҳои рафторро дар дориаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тақозо менамояд. Бо таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани қонунгузории экологӣ ба самтҳои ишорашуда ҳалли худро пайдо менамоянд. Дар маҷмуъ, ташаккул додани "принсипи экологикунонии қонунгузорӣ" дар заминаи нишондодҳои болозикр пайдо мешавад.

5. Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои экологӣ ва қабул гардидани қонунҳои гуногуни танзимкунандаи ин муносибатҳо, дар низоми қонунгузории экологӣ ҳолатҳои мухталифи духурагӣ ба миён омадаанд. Зеро аз нигоҳи назарияи ҳуқуқ ҳангоми зиёд гардидани қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифати меъёрӣ ба вуҷуд омада, боиси рӯйи кор омодани мушкилот дар самти танзими ҳуқуқии масъала мегардад. Аз ин нигоҳ, зарур аст, ки муносибатҳои экологӣ тавассути санади меъёрии ҳуқуқии ягона танзим шуда, соҳаи ҳуқуқи экологӣ мавриди кодификатсияи ҳуқуқӣ қарор гирад. Ҳадаф аз кодификатсия намудан ин аз байн бурдани номутобиқатӣ ва ҳарчи бештар кам кардани шумораи санадҳои ҳуқуқии ҳаммонанд дар муносибатҳои экологӣ маҳсуб меёбад. Бо

ин мақсад, баҳри хотима бахшидан ба мушкилоти ҷойдошта ва дуруст танзим кардани муносибатҳои экологӣ, дар низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар рӯйи кор овардани Кодекси экологии ҶТ мувофиқи мақсад мебошад.

Барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ворид намудани **тағйиру иловаҳои** зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» моддаи алоҳида дар чунин шакл илова намудан ба мақсад мувофиқ аст:

**«Моддаи 22[1]. Иқтисодиёти «сабз» дар раванди муносибатҳои ҳифзи муҳити зист**

1) Рушди иқтисодиёти «сабз» дар раванди муносибатҳои ҳифзи муҳити зист бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

- андешидани чораҳо барои гузариш ба иқтисодиёти шакли сарбаста (тарзи ташкили иқтисодиёт, ки ба сикли моддии сарбастаи таъминоти захираҳо кам намудани истеъмоли ҳама намуди ашёву захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва истифодаи самараноки партовҳо);
- ҷорӣ намудани навоварӣ барои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои табиии мавҷуда, кам кардани дараҷаи таъсири манфӣ ба муҳити зист, афзун намудани энергияи «сабз», энергия-самаранокӣ ва энергия-сарфакорӣ, коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;
- васеъ намудани доираи маблағгузории «сабз» (истифодаи шаклу механизмҳое, ки ба мақсади рушди иқтисодиёти «сабз» истифода бурда мешаванд), хариди «сабз» (таъмини баҳогузории талаботи экологӣ ҳангоми ҷойгир кардани фармоиш барои таъминоти мол, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ);
- баҳисобгирии натиҷаи арзёбии иқтисодии хизматрасонии экосистемаҳо ҳангоми қабули қарор аз ҷониби мақомоти давлатӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони мансабдори онҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;
- мусоидат ва дастгирии ташкили истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти органикӣ (маҳсулоти «сабз»);
- мусоидат ба сайёҳии экологӣ ва агроэкосайёҳӣ;
- ҳавасмандгардонии истифодаи нақлиёти барқӣ ва беҳтар намудани инфрасохторҳои шаҳрҳо;
- андешидани чораҳо оид ба коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, тавасути

ҷори кардани квотаҳои тиҷоратӣ барои партовҳои газҳои гулхонавӣ;

- ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи устувори гуногунии биологӣ ва ландшафтҳо;
- таъминоти илмии гузариш ба иқтисодиёти «сабз»;
- андешидани тадбирҳои дигаре, ки ба рушди иқтисодиёти «сабз» нигаронида шудаанд.

2) Татбиқи чорабиниҳо оид ба рушди иқтисодиёти «сабз» аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба рушди иқтисодиёти «сабз», ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад».

2. Бо мақсади ба таври дуруст ифода намудани объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ ва ба инобат гирифтани талаботи сархати сенздаҳуми м. 1 Қонунуи ҶТ «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» аз 19 июли соли 2022, №1894 пешниҳод карда мешавад, ки сархати 1 қ. 1 м. 9 Қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «- лоиҳаҳои консепсия, стратегия, барномаҳо, нақшаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки татбиқи онҳо ба истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманданд ва (ё) метавонанд ба муҳити зист таъсир расонанд».

Ҳамзамон, ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ» таклиф карда мешавад, ки дар боби ба муқаррароти хотимавӣ бахшидашудаи Қонуни мазкур, моддаи алоҳида вобаста ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти экспертизаи экологӣ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $25^1$. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ**

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешавад»;

3. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» мафҳумҳои «таълими экологӣ ва тарбияи экологӣ» ба таври зайл пешбинӣ карда шаванд:

«таълими экологӣ – раванди ягонаи таълиму тарбия, ки ба ташаккули фарҳанги экологӣ, низоми тамоюлҳои арзишӣ, меъёрҳои ахлоқию маънавии рафтор, азхудкунии дониш ва гирифтани таҷриба дар самти экология, истифодаи сарватҳои табиӣ ва паҳн намудани донишҳои экологӣ тавасути ташкилоту муассисаҳо ва воситаҳои гуногун дар соҳаи ҳифзи муҳити зист равонашуда мебошад;

тарбияи экологӣ – раванди мунтазам, низомнок ва мақсадноке, ки ба ташаккул додани муносибати эҳтиёткоронаи шахс ба табиат ва меъёрҳои ахлоқию маънавии рафтор дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, равона гардидааст».

4. Ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни мазкур боби алоҳида бо номи «Идоракунии давлатӣ дар самти аудити экологӣ» илова карда шавад.

- инчунин, ба Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» боби алоҳида бо номи «Тартиби гузаронидани аудити экологӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои аудити экологӣ» илова карда шавад. Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки бинобар сабаби кам намудани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар Қонуни мазкур қ. 4, м. 5 хориҷ карда шуда, «Тартиби таъини аудити экологии ҳатмӣ», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 декабри соли 2014, №789 тасдиқ гардидааст, аз эътибор соқит ва дар матни қонун дар боби болозикр пешбинӣ карда шавад.

- ба Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» боби алоҳида бо номи «Талаботҳои тахассусӣ ва аттестатсияи давлатии аудиторон ва ташкилотҳои аудиторӣ», инчунин, бо такмил додани муқаррароти қонун дар ин самт илова карда шавад. Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки бинобар сабаби кам намудани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар Қонуни мазкур қ. 1, м. 11 хориҷ карда шуда, «Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи ҷумҳуриявии аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 августи соли 2015, №550 тасдиқ гардидааст, аз эътибор соқит ва дар матни қонун дар боби болозикр пешбинӣ карда шавад.

- ба Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» боби алоҳида бо номи «Муқаррароти хотимавӣ» илова карда шавад. Азбаски дар раванди гузаронидани аудити экологӣ аз ҷониби аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ бо ташаббуси субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ва ё фармоишгар ба амал омадани баҳсҳо имконпазир аст. Аз ин лиҳоз танзими ҳуқуқии ҳолати мазкур дар моддаи алоҳида ба пуррагардонии норасоии Қонуни мазкур мусоидат хоҳад кард. Бо ин мақсад пешниҳод мегардад, ки дар боби болозикр моддаи алоҳида дар таҳрири зайл пешбинӣ карда шавад: «Моддаи $17^1$. Ҳалли баҳсҳо дар самти аудити экологӣ.

Баҳсҳо дар самти аудити экологӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ҳал карда мешавад».

5. Ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилооти экологӣ» пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни мазкур моддаи алоҳида дар чунин шакл илова карда шавад.

**Моддаи 12[1]. Экологияи рақамӣ**

1. Рақамикунонии муносибатҳои экологӣ тавасути таъсиси «Системаи ягонаи давлатии мониторинги муҳити зист ва захираҳои иттилоотӣ», ки ба амалисозии стратегияи миллии рушди устувор, пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи экологӣ, амалисозии чараёнҳои ошкорбаёнӣ ва демократикунонии ҷомеа дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ мусоидат менамояд, инчунин, бо мақсади фароҳам офардани шароити дастрасии табақаҳои васеи аҳолӣ ба захираҳои иттилоотии экологӣ, амалинамоии мониторинги афкори ҷамъияии аҳолӣ доир ба мушкилоти экологӣ, самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва беҳсозии шароити иҷтимоию иқтисодии ҳаёти аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Рақамикунонии муносибатҳои экологӣ мутобиқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва дар доираи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ амалӣ карда мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ мусоидат карда, сабаби такмили яке аз падидаҳои муҳим – ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб меравагд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводди диссертатсия ҳангоми тадриси фанҳои таълимии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи экологӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии экологӣ», инчунин, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии мушкилотҳои қонунгузории экологӣ, таҳлили маводди илмию амалии соҳавӣ, усулҳои гузарондани таҳқиқот, инчунин, мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат анҷом дода шудааст, ки ба шиносномаи ихтисосҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ иҷро, муҳокима ва тавсия шудааст. Оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ дар чандин конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърузаҳо баромад намудааст. Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Мушкилоти ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шароити мураккабшавии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар чолишҳои асри XXI» – бо маъруза дар мавзуи «Тавсифи умумии конвенсия оид ба дастрас намудани маълумот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрас будани адолати судӣ вобаста ба масъалаҳои муҳити зист (ОРХУС) (3 декабри соли 2020, ш. Душанбе);

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он» – бо маъруза дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ дар давраи Сомониён: масъалаҳои назариявӣ-таърихӣ» (5-6 марти соли 2021, ш. Душанбе);

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» – бо маъруза дар мавзуи «Нақши санадҳои байналмилалии экологӣ дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ» (3 декабри соли 2021, ш. Душанбе);

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Муқовимат ба экстремизму терроризм дар шароити нави

тағйирпазирии ҷомеа» – бо маъруза дар мавзуи «Биотерроризм хатар ба ҳамзистии осоишта» (3 майи соли 2025, ш. Душанбе).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи академиявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини рушди самараноки идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии ҶТ дар шароити ҷаҳонишавӣ» – бо маъруза дар мавзуи «Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии рушди қонунгузории экологии ҶТ» (24-25 апрели соли 2020, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар татбиқи сиёсати хориҷии ҶТ» – бо маъруза дар мавзуи «Нақши Конститутсияи ҶТ дар танзими муносибатҳои ҳифзи муҳити зист (3 ноябри соли 2021, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» – бо маъруза дар мавзуи «Нақши барнома, консепсия ва стратегия дар рушди қонунгузории экологии ҶТ» (26 декабри соли 2020, ш. Кӯлоб);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Муколамаи илм ва фалсафа дар асри XXI» бо маъруза дар мавзуи «Инсон ҳамчун объект ва субъекти проблемаҳои глобалӣ» (21 апрели соли 2022, ш. Душанбе).

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Ҷавобгарии маъмурӣ дар ҶТ: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал» – бо маъруза дар мавзуи «Такмили қонунгузорӣ оид ба экспертизаи экологӣ дар ҶТ» (22 майи соли 2023, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рӯзи Президент – нишони эҳтиром ба шоҳкориҳои Эмомалӣ Раҳмон» – бо маъруза дар мавзуи «Ҳифзи пиряххо – ташаббуси ҷаҳонӣ ва ифтихори миллӣ» (16 ноябри соли 2024, ш. Душанбе).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 20 мақолаҳои илмӣ таҳия ва интишор карда шудааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 12 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии

довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 209 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шудаанд. Инчунин, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии таҳқиқот муайян шуда, заминаҳои эмпирикӣ нишон дода шудааст. Навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асосҳои назариявӣ ва амалӣ тавсиф карда шуда, маълумот дар бораи татбиқи натиҷаҳо, саҳми шахсии муаллиф, инчунин сохтор ва ҳаҷми рисола инъикос ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Ташаккули қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон: марҳилаи тошуравӣ ва шуравӣ»** ном гирифтааст. Боби мазкур фарогирандаи се зербоб буда, дар он хусусиятҳои асосии ташаккули қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистони тошуравӣ, инчунин, рушди қонунгузории экологӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба таври пурра омӯхта шуда, махсусиятҳои давраҳои мазкур муайян гардидааст. Муаллиф ишора менамояд, ки қонунгузории давраи мазкур заминаи мусоидро барои рушди қонунгузории экологӣ дар марҳилаҳои баъдӣ гузоштаанд.

Зербоби якуми боби мазкур, ба масъалаҳои – **«Хусусиятҳои ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистони тошуравӣ»** бахшида шудааст. Дар он ишора мегардад, ки инсоният аз нахустин лаҳзаҳои офариниш нисбат ба ҳифзи муҳити зист, алалхусус, роҷеъ ба муносибати мутақобилаи инсон ва табиат эътибори ҷудогона медод, ки ҳолати мазкурро аз муқаддас донистан ва эҳтирому арҷгузорӣ нисбат ба об ва замин мушоҳида кардан мумкин аст.

Маврид ба тазаккур аст, ки нақши миллати тоҷик дар шинохти ҳуқуқи инсон, рӯйи кор овардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташаккули ҷомеаи адолатнок баланд маънидод мегардад. Сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, ба мисли Авесто (қисмати Вандидод), Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён ва даҳҳо санадҳои дигари таърихӣ шаҳодати андешаҳои болозикр маҳсуб мегарданд, ки онҳо дар худ бевосита масоили гуногуни ҳуқуқу озодиҳо, аз ҷумла ҳуқуқ ба саломатӣ, дастрасӣ ба муҳити тозаи зист, покиза нигоҳ доштани муҳити атроф, ҳифзи олами

набототу ҳайвонот ва ғ.-ро [32, с. 129-136] ҷой дода, бахри бавуҷудоӣ ва ташаккули қонунгузории экологӣ дар марҳилаи баъдӣ замина гузоштанд.

Авесто сарчашмаи муҳимми ҳуқуқи экологӣ ва заминаи танзими муносибатҳои экологӣ дар марҳилаи мазкур ба шумор меравад, чунки вобаста ба ҳифз ва истифодаи сарватҳои табиӣ дар тамоми қисматҳои Авесто (Вандидод, Ясно, Яштҳо, Хурд Авесто, Виспарад) муқаррароти дахлдор мавҷуд буд, лекин дар қисмати «Вандидод» ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Дар заминаи асосҳои илмӣ, низоми меъёрҳои Авесторо бо дарназардошти ҳифз ва истифодаи самараноки тамоми объектҳои мавҷудаи барои инсоният заруратдоштаро бо хусусиятҳои ҳуқуқӣ чунин таснифбандӣ кардан мумкин аст: вазъи экологӣ-ҳуқуқии истифодаи замин; ҳолати экологӣ-ҳуқуқии истифодаи объектҳои обӣ; вазъи экологӣ-ҳуқуқии истифодаи олами ҳайвонот; ҳолати экологӣ-ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист ва ғайра.

Муаллиф ишора менамояд, ки муқаррароти меъёрии давраи зардуштӣ, ки дар Авесто оварда шудаанд, чандин ҳазорсолаҳо пеш арзи вуҷуд мекарданд ва хушбахтона то замони мо аҳамияти худро гум накардаанд. Дар баробари ин, барои инкишофи минбаъдаи фазои ҳуқуқии гузаштагони мардуми мо, яъне тоҷикон, асрҳои аср ба сифати заминаи боэътимоди сарчашмаи ҳуқуқӣ баромад карданд, ки ҳуқуқи экологӣ низ аз ин маврид мустасно нест. Бинобар ин, мо метавонем, ки сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои мутақобилаи табиат ва инсонро дар даврони зардуштӣ ва баъд аз он ба сифати сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии экологии муосири давлатдории миллии тоҷикон пазируфта бошем. Метавон гуфт, ки Авесто ба сифати сарчашмаи ҳуқуқие баромад менамояд, ки дар самти танзими муносибатҳои экологӣ ва ҳолати ҳуқуқии сарватҳои табиӣ нақши муҳимро касб намудааст. Мо исботи ҳолати ишорашударо аз мавҷуд будани меъёрҳои алоҳида вобаста ба замин, ҳаво, олами ҳайвоноту набонот, кӯлҳо, дарёҳо ва дигар сарватҳои табиӣ мушоҳида карда метавонем.

Гарчанде дар сарчашмаҳои баъдӣ, махсусан дар Эъломияи Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониён масоили марбут ба меъёрҳои экологӣ ба таври бевосита инъикос наёфтаанд, аммо ба таври бавосита дар рушди қонунгузории экологӣ нақш гузоштаанд. Яке аз сарчашмаҳои муътамад ва нодири таърихӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии зардуштӣ Эъломияи Куруши Кабир ба ҳисоб меравад, ки дар он ҳуқуқҳои бунёдии инсон мавриди баррасӣ қарор

гирифтаанд.

Бояд ишора намуд, ки дар шаклгирӣ ва рушди низоми ҳуқуқии муосири тоҷик, ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқии дар давраи давлатдории Сомониён қабулшуда калон мебошанд. Дар замони давлатдории Сомониён ба масъалаи ҳифзи захираҳои табиӣ ва умуман истифодаи самараноки он аз ҷониби мақомоти давлатӣ тадбирҳои самаранок роҳандозӣ карда мешуданд. Дар баробари ин, гарчанде механизми идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба истифодаи объектҳои табиӣ ба марҳилаи муайяни рушди худ расида бошад ҳам, танзими муносибатҳои экологӣ низ марҳилаи муайяни рушди худро дар ин давра доро мебошад. Қобили тазаккур аст, ки дар ин марҳилаи таърихӣ тамоми қитъаҳои замин ба таври самаранок мавриди истифода қарор мегирифтанд, ки далели равшани таъмини адолати иҷтимоӣ дар замони мазкур менамояд. Муносибатҳои экологӣ дар марҳилаи баъдӣ низ мавриди танзим қарор гирифтаанд, аммо дар ин давра давлатҳои миллии тоҷикон қариб арзи ҳастӣ надоштанд. Халқи тоҷик дар доираи давлатҳои ҷудогона умр ба сар бурда, дар ҳаёт пайваста вориди муносибатҳои экологӣ мегардид, ки онҳоро санадҳои ҳуқуқҳои давлатҳои мазкур мавриди танзим қарор медоданд. Аммо, тоҷикон дар ин марҳила низ ба ҳифзи муҳити зист арҷ гузошта, ин анъанаи некро то ба мо расонидаанд.

Зербоби дуюми боби якум, ба масъалаи – **«Инкишофи қонунгузори экологӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон»** бахшида шудааст. Зеро, дар рушди муносибатҳои ҳуқуқи экологӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо нақши қонунгузории экологии ҶМШС Тоҷикистон бузург арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқбаранда ишора менамояд, ки новобаста аз мавҷудияти асарҳои илмӣ, ҳанӯз ҳам мушкилот ва махсусиятҳои ташаккули қонунгузории ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ба таври мукаммал мавриди коркарди илмӣ қарор нагирифтаанд. Таҳлили масъалаи мазкур на танҳо ба назарияи давлат ва ҳуқуқ, балки ба амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ низ аҳамиятнок мебошад.

Бо назардошти қабул шудани санадҳои ҷудогонаи танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ, метавон чунин марҳилаҳои ташаккули қонунгузории экологиро дар аҳди шуравӣ ҷудо намуд: Марҳилаи нахуст фарогирандаи солҳои 1917-1918 буда, дар ин марҳила қонунгузории экологӣ бидуни ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси маҳаллӣ қабул ва рушд кардааст. Марҳилаи баъдӣ бошад, аз оғози барқароршавии ҳокимияти шуравӣ то солҳои 90-уми

қарни сипаришуда давом ёфта, аксарияти қонунҳо баҳри танзими муносибатҳои марбут ба сарватҳои табиӣ равона шуда буданд.

Бояд ишора намуд, ки низоми ҳуқуқии шуравӣ моҳияти ягонаро соҳиб буда, дар заминаи қонунгузории шуравӣ, қонунҳои ҷумҳуриҳои мухтор қабул ва мавриди амал қарор мегирифтанд. Аммо, ҳангоми қабул кардани қонунҳо дар ҷумҳуриҳои мухтор махсусият ва унсурҳои хоси миллӣ ба инобат гирифта мешуданд, ки аз ин дидгоҳ фарқиятро байни қонунҳои шуравӣ ба вуҷуд меоварданд. Дар он давра қонунҳо бо назардошти ваколати субъектҳо қабул карда шуда, аз ҳадди муайяншуда берун намерафт, ки инро метавон ҳамчун махсусияти низоми қонунгузории шуравӣ баҳогузорӣ намуд.

Хусусияти хоси қонунгузории давраи мазкур дар он ифода меёфт, ки тамоми қонунгузории экологӣ дар баробари доштани хусусияти экологӣ боз ба масъалаи санитариву эпидемиологӣ низ таваҷҷуҳ равона гардида буд. Аз ин хотир, дар бештари масъалаҳои тозагиву санитарӣ бо ҳамбастагии қонунгузории об ва фазои ҳавоӣ мавриди танзим қарор дода мешуд.

Дар маҷмуъ, ба ин нуктаи назар расидан мумкин аст, ки яке аз давраҳои асосӣ барои низоми қонунгузории экологӣ дар шакли ҳуқуқэҷодкунии махсусияти муосирдошта, маҳз марҳилаи ҶМШС будани Тоҷикистон мебошад. Зеро, маҳз дар ҳамин марҳилаи вақт кодексҳо ва қонунҳову санадҳои меъёрии зерқонунӣ барои танзимсозии муносибатҳои экологӣ қабул карда шуданд. Ҳамчунин, яке аз хусусиятҳои хосаи қонунгузории экологии ин давра дар он мебошад, ки муносибатҳои танзимшаванда на дар доираи як санади кодификатсионӣ, балки бо якчанд қонунгузориҳои дигар низ мавриди танзим қарор мегиранд. Чунин ҳолатро мо дар қабул ва мавриди амал қарор гирифтани кодексҳои замин, ҷангал ва монанди инҳо баръало мушоҳида карда метавонем.

Зербоби сеюми боби якумро – **«Марҳилаҳои рушди қонунгузории экологӣ дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва махсусиятҳои он»** ташкил менамояд.

Дар давраи Шуравӣ муносибат бо муҳити зист дар асоси ғояи он ки чи гуна истеъмолкунандаи захираҳои табиӣ муносибати мутақобиларо роҳандозӣ менамоянд, асос ёфта буд. Дар зери таъсири амалҳои азими экологӣ дар охири солҳои 1980 якчанд ташкилотҳои миллӣ ба вуҷуд омаданд: Иттиҳоди иҷтимоӣ ва экологӣ, Иттиҳоди экологӣ, Ҷунбиши Сабз, Фонди экологӣ ва соли 1988 аввалин агентии экологӣ дар таърихи кишвар – Кумитаи давлатии ҳифзи табиат ва ғ.

Дар замони Шуравӣ, давлат ҳифзи табиатро асосан бо ёрии меъёрҳои манъкунанда ва чораҳои масъулият танзим мекард. Аммо, меъёрҳои пешгирӣ ё барқарорсозии ҳолати вайроншудаи табиат кам ба назар мерасид. Аз солҳои 1970-1980 роҷеъ ба танзими муносибатҳои экологӣ дар давраи Шуравӣ гарчанде санадҳои меъёрии дахлдор қабул гардида бошанд ҳам, аммо барои бартарафсозии муаммоҳои воқеии ҳолати экологӣ басандагӣ карда наметавонистанд.

Дар танзими муносибатҳои экологӣ, накш ва мавқеи Консититутсияи (Қонуни асосӣ)-и ҶШС Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978 бағоят бузург мебошад. Аз таҳлили муқарраротн моддаҳои алоҳидаи Конститутсияи ишорашуда бар меояд, ки он дар танзими муносибатҳои экологӣ нақши калидиро иҷро намуда, ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии мукаммал дар ин самт баромад мекард. Дар моддаи 11 Конститутсияи номбурда замин, қаъри замин, об ва ҷангал ба сифати моликияти давлатӣ муқаррар карда шудаанд. Дар сархати дуюми моддаи 12 пешбинӣ мегардад, ки замин барои истифодаи хоҷагидорӣ бемуҳлат ва бемузд дода мешавад [25, с. 632].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз масъалаҳои меҳварӣ дар танзими муносибатҳои экологӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ ин ҳифз ва истифодаи дурусти замин ба шумор меравад. Дар ин раванд, танзими муносибатҳо вобаста ба замин дар асоси санади кодификатсионӣ ва баъзе масъалаҳои муҳим, ки дорои хусусияти мурофиавӣ буданд, тавассути қонунгузории ҷорӣ мавриди танзим қарор мегирифтанд. Дар ҶШС Тоҷикистон ҳолати мазкур тавассути Кодекси ҶШС Тоҷикистон оид ба замин аз 17 декабри соли 1970 ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим гардида буд. Ин кодекс аз 12 фасл ва 192 модда иборат буда, муносибатҳоеро танзим менамуд, ки бо истифодабарӣ ва нигоҳдории замин алоқамандӣ доштанд [20, с. 235]. Маврид ба зикр аст, ки кодекси ишорашуда дар Тоҷикистон то соли 1996 амал намуд. Яъне, муносибатҳои марбут ба замин то замони қабул шудани Кодекси замин дар ҶТ, тавассути Кодекси заминаи ҶШС Тоҷикистон мавриди танзим қарор мегирифтанд.

Дар танзими муносибатҳои экологӣ, ҳифз ва истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ накш ва мақоми конститутсияҳои ҶШС Тоҷикистон бениҳоят баланд мебошад. Зеро, онҳо заминаи ҳуқуқиро баҳри танзими муносибатҳои экологӣ ба вуҷуд оварда, барои қабули қонунҳои соҳавӣ таъсир расонидаанд. Инчунин, қонунҳои соҳавӣ такя ба меъёрҳои конститутсионӣ менамуданд, ки

башорат аз низоми пайдарҳамии қонунгузории Шуравӣ, махсусан дар самти танзими муносибатҳои экологӣ менамоянд.

Махсусияти қонунгузории экологӣ дар марҳилаи мавриди назар аз он иборат аст, ки дорои динамикаи пайдарҳамии инкишоф мебошанд. Ин раванд бо рушди конститутсионализми Шуравӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ алоқаманд мебошад. Қонунҳои соҳавӣ дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ муносибатҳоеро танзим менамуданд, ки ба ҳифзи сарватҳои табиӣ, олами набототу ҳайвонот, ҳифзи атмосфера, муҳити солими зист ва ғ. алоқаманд буданд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар рушди қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм – «**Ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар шаклгирии қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар низоми қонунгузории экологии ҶТ нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бузург буда, онҳо заминаро баҳри шаклгирии қонунгузории соҳа фароҳам овардаанд. Дар шаклгирӣ ва рушди қонунгузории экологии ҶТ санадҳои ҳуқуқии байналмилалии гуногун нақши муҳимро ишғол менамоянд.

Санадҳои байналмилалии экологӣ дар шаклгирӣ ва рушди қонунгузории экологии ҶТ нақши муассир гузошта, дар ин замина ҳамкориҳои байналмилалии ҶТ дар соҳаи экологӣ баҳри самаранок истифода намудани сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ба роҳ монда шудааст. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ мебошанд ва Тоҷикистон онҳоро ба низоми ҳуқуқии худ ворид намудааст, имконияти воқеиро баҳри такмили қонунгузории миллӣ дар самти танзими муносибатҳои экологӣ фароҳам меоранд. Зеро, дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ санадҳои байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии кишварро ташкил дода, давлат баҳри иҷрои онҳо дар сатҳи байналмилалӣ уҳдадориҳои муайянро ба зима гирифтааст, ки яке аз чунин уҳдадорӣ ин мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамуда маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад, дар солҳои соҳибистиқлолӣ санадҳои байналмилалии танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ дар шаклгирӣ ва мукаммал шудани қонунгузории экологии Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро

намудаанд. Ин таҷриба дар солҳои баъдӣ низ бояд идома ёбад, зеро рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва ба вуҷуд омадани мушкилотҳои гуногуни экологӣ моро водор менамоянд, ки аз таҷрибаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ баҳри нигоҳ доштани ҳадафҳои миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ, инчунин таҷдиди қонунгузорӣ ба таври васеъ истифода намоем.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Қонунгузории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»** ном гирифтааст. Ҷиҳати танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи экологӣ ва дар ин замина рушд додани қонунгузории соҳаи мазкур масъалаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории экологии ҶТ бо қонунгузории экологии давлатҳои аъзои ИДМ ҳамчун василаи муҳим ва меҳварӣ арзёбӣ гардидааст. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузорӣ дар як навбат имкон фароҳам меорад, ки ҷанбаҳои мусбат ва афзалиятноки муқаррароти қонунгузории давлатҳои ИДМ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ба қонунгузории кишвар ворид карда шуда, баҳри ташаккули санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ дар кишвар, заминаи мусоидро фароҳам орад.

Яке аз роҳҳои самараноки такмили қонунгузорӣ ин ба инобат гирифтани таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ тавассути гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо давлатҳои хориҷӣ мебошад. Аз ҷумла, таҳлили муқоисавии Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ» бо қонунгузории экспертизаи экологии давлатҳои аъзои ИДМ анҷом дода шуда, таҳлилҳо нишон дод, ки дар миёни давлатҳои аъзои ИДМ ҶТ яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки вобаста ба экспертизаи экологӣ қонуни махсус қабул намудааст.

Таҳлили муқоисавии Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» бо қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ дар самти маърифати экологии аҳолӣ низ анҷом дода шуда, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар миёни давлатҳои аъзои ИДМ ҶТ яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки дар самти маърифати экологӣ ва баланд бардоштани фарҳанги экологии шаҳрвандон вобаста ба истифодаи табиат ва муносибат бо муҳити зист қонуни махсус қабул намудааст. Зимни таҳлили Қонуни намунавии давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи маърифат ва фарҳанги экологии аҳолӣ» аз 27 марти соли 2017 бо қарори №46-18 муайян карда шуд, ки аксаран меъёрҳои он дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» мавҷуд аст.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки гарчанде дар мамлакат санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар ин самт марҳила ба марҳила қабул ва мавриди амал қарор гирифта, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти экология ба тасвиб расида бошанд ҳам, ҷиҳати боз ҳам самаранок истифода намудан ва ҳифзу нигоҳдории ҳолати муҳити зист доир ба такмили қонунгузории миллӣ истифодаи самаранок аз санадҳои маъёрии ҳуқуқии давлатҳои ИДМ дар шароити муосир ба мақсад мувофиқ мебошад.

Боби сеюми диссертатсия – **«Рушди қонунгузории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти мураттабсозии он»** ном гирифтааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм, масъалаҳои – **«Асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои экологӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳал»**-ро дар бар гирифта, муносибатҳо дар ин самт пурра таҳлил гардидаанд. Яке аз санадҳои муҳим дар танзими муносибатҳои экологӣ Конститутсияи ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар моддаи 13 қонуни асосии кишвар чунин меъёр муқаррар гардидааст: «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад» [1].

Бо вуҷуди ин, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011, №760 муносибатҳои гуногунпаҳлуи экологиро танзим намуда, заминаи муҳимми ҳуқуқиро дар ин самт ба вуҷуд овардааст. Махсусияти қонун дар он аст, ки мафҳумҳои бунёдии дар он истифодашударо шарҳ дода, ба онҳо симои расмӣ бахшидааст. Инчунин, дар доираи он мақсад ва вазифаҳои қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи муҳити зист нишон дода шудааст. Бояд ишора намуд, ки тавассути ин санади ҳуқуқӣ сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи муҳити зист муайян гардида, ҳадафҳои давлатӣ тарҳрезӣ шудаанд. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми қонун дар он ифода меёбад, ки вазифа ва уҳдадориҳои субъектҳоро дар самти ҳифзи муҳити зист муайян намудааст, ки бахри дуруст амалӣ намудани сиёсати давлатӣ кӯмак менамояд. Инчунин, дар доираи он масъалаи таълим ва тарбияи экологӣ, ҳолати баланд бардоштани маърифати экологӣ ва анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт танзим шуда, ҷиҳати болобурди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ дар маҷмуъ, заминагузорӣ менамояд.

Чуноне ки маълум аст дар соҳаи ҳифзи муҳити зист шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли қонунҳо ва сандаҳои

меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул гардида ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Бо назардошти он ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» 18 июли соли 2017, №1449, 8 июни соли 2022, №1879 ва 8 июни соли 2022, №1880 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, пешниҳод мегардад, ки зимни таҳияи Кодекси экологӣ он ҳамчун заминаи асосии санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб гирифташуда, дигар қонунгузорӣ бо он мутобиқ карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз яке аз василаҳои муҳими рушди қонунгузории соҳаи мазкурро ин падидаи экологикунонии қонунгузорӣ ташкил менамояд. Дар натиҷаи бӯҳрони экологӣ ва мутаносибан ба вуҷуд омадани зарурати таъмини амнияти экологӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва қонунгузории дохилидавлатӣ тамоюли нав ба вуҷуд омад, ки онро экологикунонии соҳаҳои ҳуқуқ меноманд. Танзими масоили экологӣ дар қонунгузорӣ мақсади муайяни худро дошта, ҳадаф аз он, ба таври расмии ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат танзим кардани муносибатҳои соҳаи мазкур маҳсуб меёбад. Аз диди Э.Р. Шамсутдинов экологикунонӣ дар қонунгузорӣ таҷрибаи нисбатан нав дар замони муосир ба ҳисоб рафта, дар ин ҷода муҳаққиқон андешаҳои мухталифро манзур кардаанд [57].

Дар маҷмуъ, ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории экологӣ дар давраи муосир ба се марҳила ҷудо гардидааст:

1) марҳилаи якум, солҳои 1991 то 1993 – бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва давраи аз сари нав сохтани қонунгузории ҶТ, аз он ҷумла қонунгузории экологӣ оғоз мегардад;

2) марҳилаи дуюм, солҳои 1993 то 2011. Дар ин давра қонунҳои зиёде қабул гардиданд, ки қабули қонуни ҳифзи табиати ҶТ (аз 27 декабри соли 1993), КЗ ҶТ (аз 13 декабри соли 1996), КО ҶТ (2000), Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» аз 17 майи с. 2004, №31 ва ғ. Ҳамзамон, дар ин марҳила ҷиҳати татбиқи қонунҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул гардидааст. Аз он ҷумла, қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар ҶТ» аз 3 майи с. 2010, №211; қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ» аз 24 апрели с. 2008, № 189 ва инчунин, Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии ҶТ то с. 2000 ва дар давраи то с. 2010 ва ғ.;

3) марҳилаи сеюм, аз соли 2011 оғоз шуда, то имрӯз идома меёбад. Дар ин марҳила қонунҳое қабул шуданд, ки ба амалӣ сохтани сиёсати давлатӣ дар самти экология нигаронида шудаанд.

Бо вуҷуди ташаккулу рушд ва мавҷуд будану мавриди амал қарор доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти экологӣ дар замони муосир, ҷиҳати боз ҳам такмили қонунгузорӣ тадбири муҳимтарини таъмини самаранокӣ ва рушди падидаи маърифати экологии аҳолӣ зарур мебошад. Такмили қонунгузории самти экологии аҳолӣ бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, бартараф намудани зиддиятҳо ва духурагӣ дар қонунгузорӣ, ҳамчунин таъмини самаранокии падидаи мазкур сурат гирифта, барои боз ҳам дар сатҳи зарурӣ рушт ва танзими муносибатҳои мутақобилаи ҷамъияту табиат дар самти баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва танзими муносибатҳои экологӣ нақши бориз хоҳад гузошт.

Зербоби дуюми боби сеюм, масъалаҳои – **«Мушкилоти мураттабсозӣ (кодификатсия)-и қонунгузории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо»**-ро дар бар мегирад.

Низомнокии танзими ҳуқуқӣ давра ба давра ба тартиб овардани қонунҳо, бартараф кардани такрорёбӣ ва бархӯрди (коллизияи) меъёрҳо ва ба ҳамдигар мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузориро талаб менамояд. Ҳамзамон, рушди равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ мутобиқатии танзими ҳуқуқиро ба муносибатҳо ва равандҳои нави иҷтимоӣ талаб менамояд. Барои ҳалли масъалаҳои зикршуда хусусияти пайгирона доштани фаъолияти қонунгузорӣ ба талаботҳои объективии ҷамъият ба танзими ҳуқуқӣ талаб менамояд. Вобаста ба ин, қонунгузорӣ бояд ҳамеша дар ҳолати инкишоф қарор дошта бошад, танзими ҳуқуқии саривақтии муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин намуда, манфиати шахс, ҷомеа ва давлатро дар соҳаҳои алоҳида ҳифз намояд. Кодикификатсияи қонунгузорӣ яке аз намудҳои мураттабсозии қонунгузорӣ мебошад. Мураттабсозӣ дар қонунгузорӣ моҳияти ба низом даровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ифода менамояд.

Кодификатсия аз дигар шаклҳои мураттабсозии қонунгузорӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ менамояд: а) кодификатсия дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ гузаронида мешавад; б) субъектҳои кодификатсияи қонунгузорӣ танҳо субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ шуда метавонанд; в) дар рафти кодификатсияи қонунгузорӣ мазмуни дохилии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сифатан тағйир дода мешавад; г) дар кодификатсияи қонунгузорӣ меъёрҳои нави ҳуқуқ эҷод карда мешаванд, меъёрҳои амалкунанда такмил ва тағйир дода мешавад, инчунин амали баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ қатъ карда мешавад; д) дар раванди кодификатсияи қонунгузорӣ санадҳои кодификатсионӣ қабул карда мешавад; е) амали санадҳои меъёрии

ҳуқуқие, ки меъёрҳои он дар санади кодификатсионӣ мураттаб гардонида шудааст, баъди эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани санади нави кодификатсионӣ қатъ мегардад.

Бояд ишора намуд, ки бештари давлатҳои муносибатҳои экологиро аз ибтидо тавассути қонунҳои ҷудогона мавриди танзим қарор медоданд. Аммо, бо рушди муносибатҳо коркарди санади ягонаи ҳуқуқӣ баҳри танзими муносибатҳои экологӣ ба миён омад, ки дар ин роҳ Шветсия ва Фаронса нахустин қадамҳоро гузоштаанд. Муносибатҳои экологӣ фарогирандаи самтҳои гуногун буда, баҳри танзими онҳо дар давлатҳои ишорашуда қонунҳои соҳавӣ қабул гардидаанд. Вале, ин танзимнамоӣ решаи таърихӣ дошта, сарманшаъи он санадҳои ҳуқуқии марҳилаҳои қаблӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯз қонунгузории соҳаи экологӣ ҳаҷман бузург шуда, амалӣ намудани онҳо мубрамияти бештарро пайдо кардааст. Маҳз бо назардошти мавҷудияти шумораи зиёди санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ, амалӣ гардидани меъёрҳои онҳо мушкилотиро ба вуҷуд оварда, баъзан маврид боиси мухолифати меъёрӣ шудаанд. Бо ин мақсад, зарурати коркард намудани санади ягонаи ҳуқуқӣ ҷой дошта, баҳри он мақомоти ваколатдори давлатӣ талош намуда истодаанд. Ҳангоми рӯ овардан ба масъалаи мазкур, дар баробари самтнокӣ ва диққат ба хусусиятҳои ҳар як соҳаи экологӣ, ба масъалаҳои ҳамоҳангӣ, ҳамкорӣ ва риояи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади ба низоми муайян даровардани муносибатҳои экологӣ дар ҶТ мувофиқ ба мақсад мебошад.

## ХУЛОСА

Аз натиҷаи таҳлили масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд, хулосаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистонро метавон ба се давраи асосӣ ҷудо намуд: давраи тошуравӣ, давраи шуравӣ ва давраи муосир.

2. Давраи зардуштӣ барои шаклгирии фазои танзими меъёрии муносибатҳои экологӣ заминаи воқеӣ гузоштааст, ки ин ҳолатро мо дар эътибори аввалиндараҷа додани зардуштиён дар меъёрҳои Авесто мушоҳида карданамон мумкин аст. Дар баробари ин, Авесто барои илми таърихӣ-ҳуқуқии ҷаҳони муосир яке аз таҳкурсии асосӣ ба шумор меравад, ки ҳар як ғояҳои он хусусияти принсипиалӣ дошта, метавонад, рушди мафкураи илмии одамонро дар самти ҳифзи муҳити зист инкишоф дода бошад. Меъёрҳои Авесто оид ба ҳифз ва истифодаи тамоми объектҳои табиӣ,

махсусан замин, хусусияти динӣ-ҳуқуқӣ дошта, метавонад, зуд ба мафкураи одамон таъсири мусбии худро расонад ва барои баамалбарории мақсадҳои ояндабинона дар самти ҳифзи муҳити зист заминагузорӣ намояд. [3–М]

3. Дар баробари дигар объектҳои табиӣ ба сарчашмаҳои обӣ ва олами наботот ва ҳайвонот дар давраи зардуштӣ, махсусан, Авесто, меъёрҳои алоҳида бахшида шудааст, ки ин муқаррарот, агар танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баҳогузорӣ намоем, маълум мегардад, ки то ин рӯз махсусияти таъсиррасонии тарбиявӣ, вазифадоркунӣ, уҳдадоркунӣ ва руҳбаландкунии худро гум накардааст. Ҳамчунин, метавон баъзе аз меъёрҳои алоҳидаи хусусияти муҳим ва унверсалии Авесторо ҳамчун ғояҳои роҳбарикунанда дар ҳифз ва истифодаи босамари сарватҳои табиӣ ҳисобид. [3–М]

4. Дараҷаҳои гуногуни омӯзиши меъёрҳо ва талаботҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар ҷодаи ҳифзи муҳити зист, имкон фароҳам меоварад, ки фазои заминавии тафаккур, дониш ва шуури экологӣ-ҳуқуқии шахсият пайдо ва ривоҷ ёфта бошад. Бинобар ин, барои боз ҳам равшану возеҳ дар низоми илмҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ таҳлил ва омӯзиш намудани муқарраротҳои экологӣ-ҳуқуқии Авестоӣ аз бисёр ҷиҳат ҳадафрас хоҳад буд. Дар умум метавон гуфт, ки Авесто ба сифати сарчашмаи ҳуқуқие баромад менамояд, ки дар самти танзими муносибатҳои экологӣ ва ҳолати ҳуқуқии сарватҳои табиӣ нақши муҳимро касб намудааст. Мо исботи ҳолати ишорашударо мавҷуд будани меъёрҳои алоҳида вобаста ба замин, ҳаво, олами ҳайвоноту наботот, кӯлҳо, дарёҳо ва дигар сарватҳои табиӣ мушоҳида карда метавонем.

5. Дар як маврид Авесто гарчанде дар давраи Зардушти муҳиммияти худро нигоҳ дошта бошад ҳам, аммо имрӯзҳо низ барои омӯзиши падидаҳои ҳуқуқӣ ва алалхусус, ҳуқуқи экологӣ ба сифати сарчашмаи мукаммалӣ ҳуқуқии таърихан мавҷудбуда хизмат менамояд. Аз нуқтаи назари дигар яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди фазои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ маҳз дар ин давра шакл гирифтааст. Ҳамаи ин ҳолатҳо гувоҳи медиҳад, ки Авесто барои таърихи инсоният ва махсусан халқи тоҷик яке аз сарчашмаҳои боэътимод ва заминаи ҳуқуқӣ баромад намуда, то имрӯз ба сифати намунаи мукаммалӣ ҳуҷҷати таърихиву ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти баромад карда истодааст.

6. Дар давлатдории Сомониён ба танзим ва идоракунии истифода ва ҳифзи объектҳои табиӣ эътибори ҷиддӣ дода мешуд, ки аз нигоҳи илмӣ ва таълимӣ бо боварии том гуфтанамон мумкин

аст, ки барои сохтани механизми муосири идоракунӣ ва ҳифзу танзими муносибатҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ин таҷрибаи номбаргардидаро ба сифати сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дода бошем. Ба масъалаи истифода ва ҳифзи замин ба сифати сарчашмаи асосии ба амалбарории фаъолияти кишоварзӣ ва ягона манбаи дарёфти ризқу рӯзии мардум менигаристанд, ки аз ҷониби давлату ҳукумати давлатдории Сомониён эътибори ҷиддӣ равона карда мешуд. Албатта, ҳолати мазкур имконият фароҳим овард, ки дар ин давраи давлатдорӣ тамоми қитъаҳои замин ба тариқи самаранок ва боҳадафона мавриди истифода қарор дода мешуданд, ки ин ҳолатро мо аз сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ мушоҳида карда метавонем. [14–М]

7. Хусусияти фарққунанда ва ҷудогонаи муносибатҳо вобаста ба истифодаи фонди заминҳо дар давлатдории Сомониён аз он иборат буд, ки тамоми захираҳои мавҷудаи заминба ба категорияҳои «Заминҳои мулки султонӣ», «Заминдории хусусӣ» ва «Заминҳои вақф», таснифбанди менамуданд. Ҳолати мсазкур яке аз нишонаҳои ба зинаи рушд қарор доштанӣ истифодаи самараноки захираҳои замин вобаста ба таъйинот ва мақсадҳоро ифода менамуд. Дар баробари ин, таснифоти болозикр имконият медод, ки заминҳо вобаста ба таъиноташон мавриди тақсимбанди ва ба соҳибони аслиашон дода шаванд, ки ҳолати мазкур яке аз роҳҳои муосири ҳадафҳои соҳавӣ ва экологии ин самтро ифода менамояд. [14–М]

8. Дар умум, мо андешаро оид ба ҳолати ҳифз ва танзими муносибатҳои экологӣ дар давлатдории Сомониён метавонем зикр намоем, ки дар ҳақиқат ҳам, нисбат ба тамоми объектҳои ҳифзи муҳити зист алалхусус об, замин, олами ҳайвонот ва наботот ва монанди инҳо эътибори хоса ва ҳадафмандона равона карда мешуданд. Ҳолати мазкур гувоҳи он медиҳад, ки яке аз самтҳои ҳаёти одамонро дар давлати Сомониён, ки бо меъёрҳои ҳуқуқии замони худ танзим мешуданд муносибатҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зист ташкил менамуд, ки таърих гувоҳии онро исбот менамояд. [14–М]

9. Яке аз давраҳои асоси барои низоми қонунгузории экологӣ дар шакли ҳуқуқэҷодкунии махсусияти муосирдошта, маҳз марҳилаи ҶМШС будани Тоҷикистон мебошад. Барои он, ки маҳз дар ҳамин марҳилаи вақт кодексҳо ва қонунҳову санадҳои меъёрии зерқонунӣ барои танзимсозии муносибатҳои экологӣ қабул карда шуданд. [6–М]

10. Яке аз хусусиятҳои хоси қонунгузории экологии ин давра дар он мебошад, ки муносибатҳои танзимшаванда на дар доираи як санади кодификатсионӣ, балки бо якчанд қонунгузориҳои дигар низ мавриди танзим қарор мегиранд. Чунин ҳолатро мо дар қабул ва мавриди амал қарор гирифтани кодексҳои замин, ҷангал ва монанди инҳо бараъло мушоҳида карда метавонем. [6–М]

11. Инкишофи қонунгузори экологии ҶМШС Тоҷикистон дар самти ҳифз барқарорсозӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ ҳамчун объекти табиӣ дар заминаи Кодекси замин ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ мавриди танзим қарор дода шудааст. Ҳолати мазкур ягона раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ мебошад, ки дар асоси муқаррароти як санади кодификатсионӣ ду муносибати хусусияти мустақилдошта мавриди танзим қарор дода мешавад. Ба ғайр аз ин, ҳолат сабаб гардидааст, ки дар ин марҳилаи рушди қонунгузории экологӣ дар самти об ба таври бояду шояд рушд ва инкишоф карда бошад. [6–М]

12. Дар марҳилаи солҳои 1924-1929 дар масъалаи механизми созгори идоракунӣ ва назорати истифодаи объектҳои табиӣ, ки яке аз фишангҳои асосии боиси рушдкунии қонунгузорӣ мебошад, эътибори ҷиддӣ равона мегардид. Дар ин давра, алалхусус дар самти идоракунии ва назорати замин, об, ҷангал аз тарафи мақоми олии идоракунӣ ва намояндагии ҶМШС Тоҷикистон бевосита тадбирҳои саривақтӣ андешида мешуданд. Ҳолатҳои ишорагардида яке аз нишонаҳои асосии таваҷҷӯҳмандии давлату ҳукумати ҳамонвақтаро ба истифодаи самаранок ва ҳифзи тамоми объектҳои табиӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад. [6–М]

13. Дар ҳақиқат ҳам, ба мо маълум гардид, ки дар танзими муносибатҳои экологӣ ва умуман ҳифз ва истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ нақш ва мақоми Конститутсия бениҳоят муҳим мебошад. Муҳиммияти онро мо дар муқаррароти принсипиалии он мушоҳида карда метавонем, ки агар дар ҳолати мухолифат намудани дилхоҳ қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ меъёрҳои он бевосита амал мекунанд. [10–М] [12–М]

14. Дар марҳилаи давраи Шуравии танзими муносибатҳои экологӣ дар Тоҷикистон дар баробари дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, Конститутсияҳоро махсус зикр намуданамон ҷоиз мебошад. Барои он ки дар Тоҷикистони Шуравӣ маҳз Конститутсияҳои қабулшуда ва меъёрҳои алоҳидаи онҳо имконият медоданд, ки ҳолати ҳуқуқии сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ба таври расмӣ-ҳуқуқӣ мавриди ҳифз қарор дода шаванд. Аз ҳамин

нуқтаи назар, яке аз заминаҳои расмии рушди қонунгузории экологиро дар ҶШС Тоҷикистон маҳз аз Конститутсияҳои қабулшудаи ҳамон давра вобаста донистан, дуруст мебошад. [5–М]

15. Яке аз хусусиятҳои хоси танзими муносибатҳо вобаста ба истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар динамикаи рушди меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии марҳилаҳои инкишофи конститутсионализм буд. Ҳолати мазкурро мо метавонем аз муқоисаи меъёрҳои экологии Конститутсияҳои қабулгардида дар фосилаи вақти давраи Шуравӣ бараъло мушоҳида намоем. [5–М]

16. Раванди инкишофи қонунгузории экологии замони Шуравии Тоҷикистон имкон додааст, ки дар вақти таҳияи низоми муосири қонунгузории миллӣ ба сифати замина мавриди истифода қарор дода шаванд. Гарчанде ки дар давраи ИҶШС қонунгузорӣ дар ду зина, яъне қонунҳои умумииттифоқ ва ҷумҳуриҳои алоҳида амал кунанд ҳам, аммо бештар механизми одатӣ, этикӣ, таърихӣ ва ҷуғрофии мамлакатҳои алоҳида ба инобат гирифта мешуданд. Чунин ҳолат имкон дод, ки қонунгузории экологии давраи Тоҷикистони Шуравӣ ба тарзу усули ба худ мувофиқ ва созгор қабул карда шаванд. [5–М]

17. Дар умум, мо метавонем андешаи худро роҷеъ ба инкишофи қонунгузории экологӣ дар даврони Шуравӣ чунин иброз намоем, ки дар ҳақиқат ҳам ин давраи таърихии давлатдори барои фазои ҳуқуқии кишварҳои ИҶШС ва умдатан Тоҷикистони Шуравӣ бисёр давраи калидӣ ва муҳим ба шумор мерафт, алалхусус дар сатҳи ҳифзи муҳити зист. Барои он ки маҳз дар ҳамин давра санадҳои меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ ва ҷории экологӣ шаклгирии худро паси сар намуданд, ки ин асоси бавуҷудоӣ ва рушд кардани қонунгузориро ташкил менамояд.

18. Рушди қонунгузории экологиро дар давраи муосир ба се марҳилаи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст: марҳилаи якум, солҳои 1990-1993-ро фаро гирифта, раванди милликунонии қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон шуруъ гардид; марҳилаи дуюм, солҳои 1993-2011-ро дар бар гирифта, бо танзимнамоии муносибатҳои алоҳидаи экологӣ, махсусан, муносибатҳои марбут ба ҳифзи табиат, алоқаманд мебошад; марҳилаи сеюм аз соли 2011 оғоз гардида, то имрӯз идома дошта, бо зарурати кодификатсиясозии қонунгузории экологӣ ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошад.

19. Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои экологӣ ва қабул гардидани қонунҳои гуногуни танзимкунандаи ин муносибатҳо, дар низоми қонунгузории экологӣ ҳолатҳои мухталифи духурагӣ ба миён омадаанд. Зеро, аз нигоҳи назарияи ҳуқуқ ҳангоми зиёд

гардидани қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифати меъёрӣ ба вуҷуд омада, боиси рӯйи кор омодани мушкилот дар самти танзими ҳуқуқии масъала мегардад. Аз ин нигоҳ, зарур аст, ки муносибатҳои экологӣ тавассути санади меъёрии ҳуқуқии ягона танзим шуда, соҳаи ҳуқуқи экологӣ мавриди кодификатсияи ҳуқуқӣ қарор гирад. Ҳадаф аз кодификатсия намудан ин аз байн бурдани номутобиқатӣ ва ҳарчи бештар кам кардани шумораи санадҳои ҳуқуқии ҳаммонанд дар муносибатҳои экологӣ маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад, баҳри хотима бахшидан ба мушкилоти ҷойдошта ва дуруст танзим кардани муносибатҳои экологӣ, дар низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар рӯйи кор овардани Кодекси экологии ҶТ мувофиқи мақсад мебошад.

20. Василаи иҷтимоию иқтисодии қабули Кодекси мазкур ҳолати экологию иқтисодиро дар замони муосир инъикос мекунад, ки аз омилҳои зерин иборат мебошад: бӯҳрони экологӣ, ки боиси рад кардани талаботи амнияти экологии ҷамъиятӣ гаштааст; касодии иқтисодӣ ва тезутундшавии масъалаи озуқаворӣ; гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва ғайра. Дар маҷмуъ, дар пеш ду роҳ истодааст: 1) идомаи таҷрибаи мавҷуда бо нозардошти такмил ва мувофиқгардонии санадҳои меъёрии гуногун дар ин соҳа; 2) тамоюл ба мураттабсозӣ ва қабули санади кодификатсионӣ, яъне Кодекси экологии ҶТ. [18–М]

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1. Муқаддимаи Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми гузаронидани экспертизаи экологӣ бо мақсади пешгирии таъсири манфии фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият ва оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигари ба он алоқаманд равона гардида, таҳлил ва арзёбии воқеии таъсиррасонии зарарноки объектҳои экспертизаро ба муҳити зист ва саломатии инсон аз ҷиҳати экологӣ муқаррар менамояд». **[19–М]**

2. Мафҳуми экспертизаи экологӣ ҳам дар моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва ҳамзамон дар моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ» пешбинӣ гардидааст, бо мақсади бартарафсозии такрорёбии меъёрҳо мафҳуми

экспертизаи экологӣ аз моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» хориҷ карда шавад. **[19–М]**

3. Бо мақсади ба таври дуруст ифода намудани объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ ва ба инобат гирифтани талаботи сархати сенздаҳуми моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» аз 19 июли соли 2022, №1894 пешниҳод карда мешавад, ки сархати якуми қисми 1 моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «- лоиҳаҳои консепсия, стратегия, барномаҳо, нақшаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки татбиқи онҳо ба истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманданд ва (ё) метавонанд ба муҳити зист таъсир расонанд». **[19–М]**

4. Муносибатҳои вобаста ба арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист то қабул гардидани Қонунҳои ҶТ дар бораи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист ва дар бораи экспертизаи экологӣ ба танзим дароварда мешуд. Пас аз қабул гардидани Қонуни ҶТ «Дар бораи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист» минбаъд ин муносибатҳо ба таври васеъ мавзуи танзими Қонуни ҶТ «Дар бораи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист»-ро ташкил менамоянд. Аз ин рӯ, бо мақсади пешгирии такрорёбии меъёрҳо ва бартараф намудани танзими ҳамон як муносибатҳо бо ду санади қонунгузорӣ пешниҳод карда мешавад, ки сархати дуюми моддаи 1 ва боби 5 аз Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ» хориҷ карда шаванд. **[19–М]**

5. Тавре ки дар сархати якуми моддаи 1, сархати сеюми қисми 1 ва сархатҳои панҷум, шашум, даҳум ва ёздаҳуми қисми 2 моддаи 6, сархати дуюми қисми 1 моддаи 15 ба назар мерасад, сухан дар бораи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ меравад. Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар боби ба муқаррароти хотимавӣ бахшидашудаи Қонуни мазкур, моддаи алоҳида вобаста ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Моддаи $25^1$. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешавад». **[19–М]**

6. Бо ин назардошт ба мақсад мувофиқ аст, ки мафҳумҳои мазкур дар моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» ба таври зайл пешбинӣ карда шаванд:

**«таълими экологӣ -** раванди ягонаи таълиму тарбия, ки ба ташаккули фарҳанги экологӣ, низоми тамоюлҳои арзишӣ, меъёрҳои ахлоқию маънавии рафтор, гирифтани дониши махсус ва андӯхтани таҷриба дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, бехатарии муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ, инчунин паҳн кардани донишҳои экологӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма, осорхонаҳо, китобхонаҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, муассисаҳои экологӣ, ташкилотҳои варзишӣ ва сайёҳӣ мебошад;

**тарбияи экологӣ -** раванди мунтазам, низомнок ва мақсадноке, ки ба ташаккул додани муносибати эҳтиёткоронаи шахс ба табиат ва меъёрҳои ахлоқию маънавии рафтор дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, идоракунии табиат ва амнияти экологӣ бо мақсади рушди зеҳнӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, эҷодӣ, ҷисмонӣ ва (ё) касбии шахс, қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои таълимии ӯ амалӣ карда мешавад». **[7–М]**

7. Азбаски дар раванди маърифати экологӣ бо мақсади ташаккули фарҳанги экологӣ дар баробари мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъияти ва шаҳрвандон, инчунин муассисаҳои ҳифзи табиат, осорхонаҳо, китобхонаҳо ва воситаҳои ахбори омма иштирок менамоянд, ба мақсад мувофиқ аст, ки раванди иштирок ва нақши онҳо дар моддаи алоҳида дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шавад. Чунки дар натиҷаи таҳлили муқоисавии қонуни мазкур бо қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ муайян гардид, ки вобаста ба сатҳи иштирок ва нақши муассисаҳои ҳифзи табиат, осорхонаҳо, китобхонаҳо ва воситаҳои ахбори омма дар раванди маърифати экологӣ моддаҳои алоҳида бахшида шудааст. Аз тарафи дигар фаъолияти кафолати ҳуқуқии онҳо ба ташаккули фарҳанги экологӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд. **[7–М]**

8. Таҳлили таҷрибаи қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ собит намуд, ки дастгирии давлатӣ дар самти маърифати экологӣ яке аз роҳҳои ноил гардидан ба ташаккули фарҳанги экологӣ буда, вобаста ба он дар моддаи алоҳида самтҳои афзалиятнок ва тадбирҳои дастгирии давлатӣ муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, Кодекси экологии Ҷумҳурии Қазоқистон дастгири давлатии раванди таълим ва ташаккули маърифати экологиро аз рӯйи якчанд самтҳо пешбинӣ намуда, дар баробари ин тадбирҳои дастгирии давлатӣ, ки ба кадом самтҳо равона мегардад, ба таври мушаххас муқаррар менамояд. Дар робита ба гуфтаҳои боло ба мақсад мувофиқ аст, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» моддаи алоҳида вобаста ба самтҳои афзалиятноки

раванди маърифати экологӣ, ки мавриди дастгирии давлатӣ қарор дода мешаванд, инчунин тадбирҳои дастгирии давлатӣ дар ин раванд илова карда шавад. Албатта, раванди маърифат ва ташаккули фарҳанги экологии аҳолӣ дар заминаи дастгирии давлатӣ ба ноил гардидани ҳадафҳои Қонуни мазкур мусоидат намуда, аз ҷониби дигар боиси тақвият ёфтани муносибатҳои мазкур мегардад. **[7–M]**

9. Бо дарназардошти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҷрибаи қонунэҷодкунии солҳои охир пешниҳод мегардад, ки зимни таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур моддаи 15, ки ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти маърифтаи экологӣ бахшида шудааст, дар боби вобаста ба муқаррароти хотимавӣ ворид карда шавад. Ҳамзамон, дар ин боб бо мақсади тартиби ҳалли баҳсҳо дар самти маърифати экологӣ моддаи алоҳида илова карда шавад. **[7–M]**

10. Ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни мазкур боби алоҳида бо номи «Идоракунии давлатӣ дар самти аудити экологӣ», ки фарогири салоҳияти Ҳукумати ҶТ дар самти аудити экологӣ, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти аудити экологӣ мебошад, илова карда шавад.

11. Бо мақсади такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни мазкур боби алоҳида бо номи «Тартиби гузаронидани аудити экологӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектҳои аудити экологӣ» илова карда шавад. Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки бинобар сабаби кам намудани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар Қонуни мазкур қ. 4, м. 5 хориҷ карда шуда, «Тартиби таъини аудити экологии ҳатмӣ», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 декабри соли 2014, №789 тасдиқ гардидааст, аз эътибор соқит ва дар матни қонун дар боби болозикр пешбинӣ карда шавад. **[8–M]**

12. Дар баробари таклифҳои болозикр ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни мазкур боби алоҳида бо номи «Талаботҳои тахассусӣ ва аттестатсияи давлатии аудиторон ва ташкилотҳои аудиторӣ» инчунин бо такмил додани муқаррароти қонун дар ин самт илова карда шавад. Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки бинобар сабаби кам намудани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар Қонуни мазкур қ. 1, м. 11 хориҷ карда шуда, «Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи ҷумҳуриявии аудиторҳои

экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 августи соли 2015, №550 тасдиқ гардидааст, аз эътибор соқит ва дар матни қонун дар боби болозикр пешбинӣ карда шавад. **[8–М]**

13. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи аудити экологӣ» боби алоҳида бо номи «Муқаррароти хотимавӣ» илова карда шавад. Азбаски дар раванди гузаронидани аудити экологӣ аз ҷониби аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ бо ташаббуси субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ва ё фармоишгар ба амал омадани баҳсҳо имконпазир аст. Аз ин лиҳоз танзими ҳуқуқии ҳолати мазкур дар моддаи алоҳида ба пуррагардонии норасоии Қонуни мазкур мусоидат хоҳад кард. Бо ин мақсад пешниҳод мегардад, ки дар боби болозикр моддаи алоҳида дар таҳрири зайл пешбинӣ карда шавад: «Моддаи 17[1]. Ҳалли баҳсҳо дар самти аудити экологӣ

Баҳсҳо дар самти аудити экологӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ҳал карда мешавад».

14. Ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва дар доираи он ба инобат гирифтани танзими ҳуқуқии иқтисоди «сабз» дар раванди муносибатҳои ҳифзи муҳити зист ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар заминаи таҳлили анҷомдодашуда, ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» пешниҳод карда мешавад, ки ба қонуни мазкур моддаи алоҳида дар чунин шакл илова карда шавад.

**Моддаи 22[1]. Иқтисодиёти «сабз» дар раванди муносибатҳои ҳифзи муҳити зист**

Рушди иқтисодиёти «сабз» дар раванди муносибатҳои ҳифзи муҳити зист бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

1) андешидани чораҳо барои гузариш ба иқтисодиёти шакли сарбаста (тарзи ташкили иқтисодиёт, ки ба сикли моддии сарбастаи таъминоти захираҳо, кам намудани истеъмоли ҳама намуди ашёву захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва истифодаи самараноки партовҳо);

2) ҷорӣ намудани навоварӣ барои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои табиии мавҷуда, кам кардани дараҷаи таъсири манфӣ ба муҳити зист, афзун намудани энергия-самаранокӣ ва энергия-сарфанамоӣ, коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;

3) васеъ намудани доираи маблағгузории «сабз» (истифодаи шаклу механизмҳое, ки ба мақсади рушди иқтисодиёти «сабз» истифода бурда мешаванд), хариди «сабз» (таъмини баҳисобгирии

талаботи экологӣ ҳангоми ҷойгир кардани фармоиш барои таъминоти мол, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ);

4) баҳисобгирии натиҷаҳои арзёбии иқтисодии хизматрасонии экосистемаҳо ҳангоми қабули қарор аз ҷониби мақомоти давлатӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони мансабдори онҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;

5) мусоидат ва дастгирии ташкили истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти органикӣ;

6) мусоидат ба сайёҳии экологӣ ва агроэкосайёҳӣ;

7) ҳавасмандгардонии истифодаи нақлиёти барқӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори шаҳрҳо;

8) андешидани чораҳо оид ба корҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба тағйирёби иқлим, тавассути ҷори кардани квотаҳои тиҷоратӣ барои партовҳои газҳои гулхонавӣ;

9) ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи устувори гуногунии биологӣ ва ландшафтҳо;

10) таъминоти илмии гузариш ба иқтисодиёти «сабз»;

11) андешидани тадбирҳои дигаре, ки ба рушди иқтисодиёти «сабз» нигаронида шудаанд.

2. Татбиқи чорабиниҳо оид ба рушди иқтисодиёти «сабз» аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи накшаи миллии чорабиниҳо оид ба рушди иқтисоди «сабз», ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

15. Ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилооти экологӣ» пешниҳод карда мешавад, ки ба қонуни мазкур моддаи алоҳида дар чунин шакл илова карда шавад.

**Моддаи 12[1]. Экологияи рақамӣ**

1. Рақамикунонии муносибатҳои экологӣ тавассути таъсиси «Системаи ягонаи давлатии мониторинги муҳити зист ва захираҳои иттилоотӣ», ки ба амалисозии стратегияи миллии рушди устувор, пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи экологӣ, амалисозии ҷараёнҳои ошкорбаёнӣ ва демократикунонии ҷомеа дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ мусоидат менамояд, инчунин бо мақсади фароҳам овардани шароити дастрасии табақаҳои васеи аҳолӣ ба захираҳои иттилоотии экологӣ, амалинамоии мониторинги афкори ҷамъиятии аҳолӣ доир ба мушкилоти экологӣ, самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани истеҳсолоти

ҷамъиятӣ ва беҳсозии шароити иҷтимоию иқтисодии ҳаёти аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Рақамикунонии муносибатҳои экологӣ мутобиқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва дар доираи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ амалӣ карда мешавад.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

